# ШУҒЛ ВА МУҲОҶИРАТ

*...Ризқи худ соҳибҳунар аз санг пайдо мекунад.*

№ 10 (387) / 05 июли соли 2023

Аз январи соли 1998 нашр мешавад.

**Нашрияи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

www.mehnat.tj   Rrohnamo@mail.ru   +992 93-483-36-36   Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон


## МАҶЛИСИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН



29 июн дар бинои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти раёсати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.

Дар маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, пас аз баррасии дигар масоилу лоиҳаи қарорҳо, ҳамчунин масъалаҳо Дар бораи Стратегияи танзими равандҳои муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040, Дар бораи Барномаи ислоҳоти низоми адолати судӣ нисбат ба кӯдакон барои солҳои 2023-2027 ва Дар бораи натиҷаи баҳисобгирии давлатии миқдори заминҳо дар ҳудуди маъмурии шаҳри Норакӣ вилояти Хатлон ба ҳолати 1 январи соли 2022 баррасӣ карда шуд.

Баъди баррасии масъалаҳои маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати иҷрои саривақтию босифати барномаҳо ва супоришҳои қаблии Ҳукумати кишвар дастурҳо доданд.

**Супоришҳои дигар ба Ҳукумати кишвар ва сохторҳои давлатӣ оид ба омодагӣ ба давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2023-2024, тайёрии муассисаҳои таълимӣ ба соли нави хониш, пешгирӣ ва бартараф кардани оқибатҳои офатҳои табиии марбут ба селу обхезӣ, захираи кофии маҳсулоти кишоварзӣ, ҷамъоварии беталафи ҳосили дар саҳробуда, вусъати корҳои ободонию созандагӣ ба ифтихори ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ ва дигар тадбирҳои бунёдкорӣ дода шуд.**

**Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ: 231-49-19**


**КОНФЕРЕНСИЯ** 4

ДАР РОҲИ СОҲИБКАСБ НАМУДАНИ АҲОЛӢ





**МАСЛИҲАТ** 3

ҲУҚУҚИ МЕҲНАТИИ МАН





**НАБЗИ РӮЗ** 5

ЗАБОН ДОНӢ – ҶАҲОН ДОНӢ





**САҲИФАИ ҶАВОНОН** 6

ҶӢ МУҲИМТАР АСТ?




# МАҶЛИСИ ҲИСОБОТИИ ТАШКИЛОТИ ҲИЗБӢ

Дар Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки кормандон ва намояндагони Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон маҷлиси ҳисоботии ташкилоти ибтидоии ҳизбии “Меҳнат” баргузор гардид.



Дар маҷлиси ҳисоботии ташкилоти ибтидоии ҳизб масъулин ва намояндаи Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе ва ноҳияи Сино суханронӣ карданд.

Зимни ҳисобот муовини вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қиёмиддин Давлатзода иброз дошт, ки ташкилоти ибтидоии “Меҳнат”-и Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти кории худро дар давраи ҳисоботӣ бо мақсади дар амал татбиқ намудани ҳадафҳои Оинномавию барномавии ҳизб, дастуру супоришҳои Пешвои миллат, Раиси муаззами Ҳизб муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, қарорҳои Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе ва Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Сино шаҳри Душанбе ба роҳ монда, ҷиҳати татбиқи сиёсати давлатӣ дар самтҳои меҳнат, муҳоҷират, шуғли аҳолӣ, таҳсилоти ибтидоии касбӣ, таълими калонсолон ва рушди ҳунармандӣ як зумра корҳои бунёдӣ ба анҷом расонида, бо баргузор намудани корҳои таблиғотиву ташвиқотӣ ҷиҳати татбиқи босамари ҳадафҳои Оиннома ва Барномаҳои ҳизб саҳмгузорӣ намудааст.

Масъулини Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни сухаронӣ ба масъалаҳои беҳтар намудани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва таъмини аҳолӣ бо музди меҳнати арзанда таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуданд.

Ҳамзамон, дар раванди маҷлис муовини роҳбари Намояндагии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсия Россия оид ба муҳоҷират ба таври онлайн баромад намуда, дар бораи фаъолияти муштарак бо дафтари ҷамъиятии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар Федератсияи Россия ҷиҳати роҳандозии корҳои фаҳмондадиҳӣ байни муҳоҷирони меҳнатӣ ва дастгирии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар ҳудуди Федератсияи Россия кору зиндагӣ мекунанд, ибрози андеша намуд. Қайд гардид, ки байни муҳоҷирон дар ҳамкорӣ бо намояндагони Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон корҳои тарғиботӣ бурда, ҳамеша сиёсати сулҳпарваронаи Раиси муаззами Ҳизб муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ташвиқ менамоянд.

Ташкилоти ибтидоии ҳизбии “Меҳнат” дар оянда низ барои ҷоннок намудани татбиқи ҳуҷҷати мазкур метавонад барои ҳалли як қатор мушкилоти ҷойдоштаи самти муҳоҷирати аҳолӣ мусоидат намояд.

Дар хатми маҷлис ба як қатор кормандони фаъоли ташкилоти ибтидоии ҳизбии “Меҳнат” ифтихорнома ва сипоснома тақдим гардид.

**Хабарнигори мо**

# ЯРМАРКАИ НАМОИШ-ФУРӮШИ МАҲСУЛОТИ КИШОВАРЗӢ



2-юми июли соли 2023 дар Боғи фарҳангӣ-фароғатии кӯли ҷавонони шаҳри Душанбе ярмаркаи намоиш-фурӯши молу маҳсулоти кишоварзӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, инчунин чорабинии фарҳангии ноҳияи Қубодиёни вилояти Хатлон баргузор гардид.

Дар ярмакаи мазкур вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳасанзода Гулнора Кенҷа, намояндагони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ва ноҳияи Сино иштирок доштанд.

Ба хотири таъмин намудани маҳсулоти ғизоӣ ва озуқаворӣ арзиши маҳсулот аз нархи бозори истеъмолӣ нисбатан арзон пешниҳоди аҳолӣ карда шуд.

Дар қисмати дигари намоиш-фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ барномаи фарҳангиву адабии аҳли санъати ноҳияи Қубодиёни вилояти Хатлон баргузор гардид.

Дар хатми ярмарка барномаи фарҳангӣ-фароғатӣ бо иштироки аҳли ҳунари ноҳия ҷараён гирифт, ки ба тамошоиёни пойтахт табъи хуш ва болидаруҳӣ эҳдо намуд.

**Хабарнигори мо**

# ХУСУСИЯТИ ТАНЗИМИ МЕҲНАТ

Кормандони шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар ноҳияи Шамсиддин Шоҳин дар маҷлисгоҳи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия бо мақсади бурдани корҳои фаҳмонидан, баргузории мизҳои мудаввар, семинарҳои машваратӣ, омӯзишӣ, дастурдиҳӣ ва расонидани кумакҳои методӣ оид ба талаботи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Тартиби гузаронидани муоинаҳои тиббии ҳатмӣ” ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи самти муносибатҳои меҳнатӣ бо иштироки кормандони соҳаҳои тандурустӣ, нақлиёту роҳ, маориф, хизматрасониҳои манзилию коммуналӣ ва кишоварзиву ҷангал семинар-машварат баргузор намуданд.

Дар семинар гуфта шуд, ки бо мақсади ҳифзи саломатӣ, пешгирии пайдоиш ва паҳншавии бемориҳои сироятӣ, бемориҳои ғайрисироятии оммавӣ, бемориҳои касбӣ ва ҳодисаҳои нохуш, соҳибкорони инфиродӣ, кормандони корхона, муассиса ва дигар ташкилотҳо новобаста аз шакли моликият, ки ягон фаъолияти хоҷагидорӣ ва дигар фаъолияти истеҳсолиро анҷом медиҳанд, бояд пеш аз дохилшавӣ ба кор кормандон аз муоинаҳои тиббӣ гузашта бошанд. Муоинаи тиббии ҳатмии қаблӣ бо мақсади муайян намудани коршоямӣ ба кор ё ба хондан, инчунин пешгирии бемориҳои касбӣ ва умумӣ, роҳ надодан ба паҳншавии бемориҳои сироятӣ (паразитарӣ) сурат мегирад.

Дар семинар-машварат Саидзода М. - сардори кумаки аввалияи тиббию санитарӣ, Юсуфов Ч. - директори маркази назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ, Дӯстов А. – сартабиби беморхонаи марказии ноҳия, Ҳошимов Н. - сардори муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди минтақаи Яхчипун ва Асроров С. - директори хоҷагии ҷангалӣ Шамсиддини Шоҳин оид ба масъалаи мавриди назар фикру мулоҳизаҳои худро баён намуданд.

**Шайдулло НАЗАРОВ,**
**сармутахассиси ШАМША**
**дар н. Шамсиддин Шоҳин**



Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ: 236-96-02

# ҲУҚУҚИ МЕҲНАТИИ МАН

## Суол: корманди дар ду ҷой фаъолияткунанда рухсатии меҳнатии худро чӣ тавр ва ё чанд рӯз мегирад?

Пеш аз ҳама бояд қайд намуд, ки мутобиқи моддаи 1 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ду (якчанд) ҷой кор кардан мазмуни тибқи шартномаи меҳнатӣ аз тарафи корманд дар баробари кори асосӣ ва ё берун аз он иҷро намудани кори дигар ё ишғол намудани дигар вазифаи доимии музднокро ифода мекунад.

Мутобиқи моддаи 230 Кодекси мазкур корманд ба ғайр аз ҷойи кори асосиаш, ки аллакай бо корфармо дар муносибатҳои меҳнатӣ мебошад, ҳуқуқ дорад бо якчанд корфармо оид ба дар ду (якчанд) ҷой кор кардан шартномаи меҳнатӣ бандад, ба истиснои ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Барои бо дигар корфармо бастани шартномаи меҳнатӣ оид ба дар ду (якчанд) ҷой кор кардан илова ба ҳуҷҷатҳои пешбиникардаи моддаи 26 Кодекси мазкур корманд маълумотнома дар бораи хусусият ва шароити меҳнати ҷойи кори асосӣ (ҷойи кор, вазифа (мансаб), шароити меҳнат) пешниҳод мекунад.

Мутобиқи моддаи 233 Кодекси номбурда ба кормандоне, ки тибқи шартномаи меҳнатӣ оид ба дар ду (якчанд) ҷой кор кардан фаъолият менамоянд, рухсатии меҳнатии пардохтшавандаи ҳарсола бо рухсатии меҳнатии ҷойи кори асосиашон дар як вақт пешниҳод карда мешавад.

Агар давомнокии рухсатии меҳнатии пардохтшавандаи ҳарсола тибқи шартномаи меҳнатӣ оид ба дар ду (якчанд) ҷой кор кардан аз давомнокии рухсатии ҷойи кори асосӣ камтар бошад, корфармо бо хоҳиши корманде, ки дар ду (якчанд) ҷой кор мекунад, фарқияти давомнокии рӯзҳои рухсатиро ба ӯ ҳамчун рухсатии бе музд пешниҳод менамояд.

Масалан, муҳосиби мактаб, ғайр аз фаъолияти муҳосибӣ, 36 соати дигар ҳамчун дуҷоякор фаъолият дорад. Гарчанд муҳосиб дар як мактаб фаъолият дорад, пас ба ӯ ду баста файл (папкаи шахсӣ) мекушоянд. Якум, дар ҷои кори асосӣ, ки бо моддаи 26 Кодекси меҳнат ба кор қабул карда шудааст, дигар ҳамчун омӯзгор, ки мутобиқи моддаи 230 ҳамчун дуҷоякор ба кор қабул шудааст.

Бояд қайд намуд, ки дуҷоякорӣ аз кори иловагии муваққатӣ, ки ба вақти муваққатӣ ва ё васеъкунии ҷойҳои корӣ мансуб аст, фарқ мекунад. Дар ин ҳолат ба корманд вазифаи як корманди дигарро муваққатан (то 4 моҳ) вобаста мекунанд ва ба ӯ барои ин кор тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 феврали 2021, №55 иловапулӣ барои якҷоякунии касбҳо (вазифаҳо), васеъ шудани доираи хизматрасонӣ (зиёд шудани ҳаҷми корҳои иҷрошаванда) ё иҷрои уҳдадориҳои корманди муваққатан ба кор ҳозирнабуда, барои ташкилотҳои аз буҷети давлатӣ маблағгузоришаванда ба андозаҳои зерин муқаррар



карда мешавад:

- 30 фоизи музди меҳнати (маоши) корманди ба кор ҳозирнабуда ҳангоми ба зиммаи як корманд вогузор намудани уҳдадориҳои меҳнатии ӯ;
- 15 фоизи музди меҳнати (маоши) корманди ба кор ҳозирнабуда ба ҳар як корманд, ҳангоми ба зиммаи ду корманд вогузор намудани уҳдадориҳои меҳнатӣ.

Корманд рухсатии меҳнатиро низ фақат аз вазифаи асосиаш мегирад, ки дар он иловапулии доираи васеъкунии кори корманд зам шудааст. Вале кормандони дуҷоякор ҳам аз ҷои кори асосӣ рухсатии меҳнатӣ мегиранд ва ҳам аз ҷои кори дуюм.

Пас муҳосиб аз ҷои кори асосӣ барои 24 рӯз ва агар 5 сол собиқаи меҳнатӣ дошта бошад дар ҳамин соҳа 3 рӯзи дигар иловагӣ, дар маҷмӯъ 27 рӯз рухсатӣ мегирад, вале барои фаъолияти омӯзгорӣ дар ҷои дуюми кор, агар дар як сол соатҳои дарсӣ аз 240 соат зиёд бошад, 56 рӯз ва агар кам бошад, 28 рӯз рухсатии меҳнатӣ мегирад.

Як масъалаи дигарро бояд дарҷ намуд, ки агар корманд унвони илмии номзади илм дошта бошад, 36 рӯз ва агар доктори илм бошад, 42 рӯз рухсатӣ мегирад. Ин масъала бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2007 №451 “Дар бораи Номгӯйи касбу вазифаҳо дар ташкилоту муассисаҳои илмӣ, маориф, фарҳанг ва ҳифзи иҷтимоӣ, ки кор дар онҳо ба рухсатии асосии ҳарсолаи дарозкардашуда ҳуқуқ медиҳад”, танзим карда мешавад.

Пас, рухсатии муҳосиб чунин ҳисоб карда мешавад:

1. Рухсатии меҳнатӣ аз ҷои кори асосӣ, ки маошаш ба ҳисоби миёна 900 сомонӣ аст (вобаста ба музди миёна тарзи ҳисобро дар нашрҳои оянда муфассал нишон медиҳем). 900/29,3 =30,72 *27 рӯзи рухсатии меҳнатӣ баробар ба 829,44 сомонӣ. Дар ин ҳолат кафолати давлатӣ истифода бурда мешавад, ки мутобиқи моддаи 112 (дар давраи рухсатии меҳнатии асосии ҳарсола ба корманд ба андозаи на камтар аз музди миёнаи меҳнат пардохт кафолат дода мешавад.) танзим шудааст.

2. Ба ҳамин корманд барои кори муштарак ё дуҷоякорӣ рухсатии меҳнатӣ чунин ҳисоб карда мешавад. Музди меҳнати омӯзгории (муҳосиб бо маълумоти олӣ бе категория) 865,2 сомонӣ мебошад ва барои ним басти корӣ (36 соат) корманд 432,6 сомонӣ маош гирифтааст. 432,6/29,3*56 рӯз (зеро соатҳои дарсӣ 360 соат дар як сол аст)= 826,8 сомонӣ.

Дар ин ҳолат корманд метавонад аз ҷои кори асосӣ 29 рӯзи дигар рухсатии бе музди меҳнат гирад. Ва ё бо хоҳиши худ метавонад дар ҷои кори асосӣ ба кор барояд.

Яъне, гарчанд тамоми ҳисобҳо аз як муассиса амалӣ карда мешавад, вале муҳосибон рухсатии меҳнатии дуҷоякоронро дар алоҳидагӣ бояд ҳисоб кунанд, зеро шарту шароити кор аз якдигар фарқкунанда аст.

**Эзоҳ:** дар ҳолатҳои пайдо шудани саволҳои иловагӣ ба телефони 988571279 тамос гиред, иловатан тавзеҳ медиҳем.

**Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ**

# МУСОИДАТИ КОРФАРМОЁН

Моддаи 19. Мусоидати корфармоён ба таъмини шуғли аҳолӣ.

Корфармоёне, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият менамоянд, ба татбиқи сиёсати давлатии шуғли аҳолӣ дар асосҳои зерин мусоидат мекунанд, аз ҷумла;

- риоя кардани шартномаҳои меҳнатие, ки муносибатҳои меҳнатиро мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим менамоянд;
- амалӣ гардонидани чорабиниҳое, ки дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи меҳнат, дар барномаҳои давлатӣ, минтақавӣ ва соҳавии мусоидат ба шуғли аҳолӣ, шартномаҳои коллективӣ ва созишномаҳои ҳифзи меҳнаткашон дар мавриди боздоштани истеҳсолот ё аз кор хориҷ намудани кормандони пешбинӣ шудаанд;
- расонидани кумак барои бо кор таъмин намудан, тарбияи касбӣ ва пешниҳод намудани кумаки иловагии молиявӣ барои кормандони аз кор озодшаванда аз ҳисоби маблағҳои ташкилотҳо;
- фароҳам овардани шароит барои тарбия ва бозомӯзии касбӣ, такмили ихтисоси кормандон;
- таҳия ва амалӣ намудани барномаи иҷтимоии ташкилот, ки нигоҳ доштан ва самаранок истифода бурдани иқтидори касбии кормандон, ҳифзи иҷтимоии онҳо, бехтар намудани шароит ва ҳифзи меҳнатро пешбинӣ менамояд;
- риояи квотаҳои муайяншуда барои бо кор таъмин намудани маъюбон;
- бо кор таъмин намудани шаҳрвандони ба ҳифзи иҷтимоӣ эҳтиёҷдошта ё захира намудани намудҳои алоҳидаи касбу кор;
- барои бо кор таъмин намудани чунин шаҳрвандон, ки аз тарафи мақомоти ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ва мақомоти худидораи маҳаллӣ муайян карда мешаванд;

Илова бар ин, корфармоён бояд ба мақомоти шуғли аҳолӣ маълумоти зеринро пешниҳод намоянд:

- дар муҳлати то даҳ рӯз аз рӯзи пайдо шудани маълумот дар бораи ҳамаи ҷойҳои кории холии (вакансияҳо) ба вуҷуд омада, мувофиқи талаботи касбии дар ташкилотҳо муайян кардашуда, инчунин маълумот дар бораи вазъи кадрҳо ва шумораи воқеии кормандон;
- маълумот дар бораи нисбат ба ташкилоти мазкур истифода бурдани тартиби муфлисшавӣ, инчунин маълумот барои иҷрои фаъолият оид ба офиятбахшии касбӣ ва мусоидат ба шуғли маъюбон зарурбуда.

**Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ**

МД «Маркази таълими калонсолон»: 250-35-42, 250-35-44

№ 10
05 ИЮЛИ СОЛИ 2023
Нашрияи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон
Шуғл ва МУҲОҶИРАТ

# МТКТ - ДАР РОҲИ СОҲИБКАСБ НАМУДАНИ АҲОЛӢ

**23 июни соли ҷорӣ Муассисаи давлатии “Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон” Конференсияи илмӣ-амалӣ дар мавзуи “Саҳми Муассисаи давлатии “Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон” дар соҳибкасб намудани аҳолӣ” баргузор кард. Дар гузориши зер бардошт аз ин конференсия.**



**Акс аз бойгонӣ. Гардиши куллӣ дар фаъолияти МД “Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон” дар соли 2012 пас аз ташрифи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба вуҷуд омад. Зимни боздиди Роҳбари давлат бинои Марказ пурра таъмиру тармим дида, коргоҳ ва синфхонаҳои нав бо таҷҳизоти замонавӣ бунёд шуданд.**

Дар Конференсияи мазкур Вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳасанзода Гулнора Кенҷа, раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Сино Файзуллозода Заррина, роҳбарони сохторҳои таркибии вазорат, намояндагони шарикони рушд, созмонҳои байналмилалии молиявӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, олимон, муҳаққиқон ва коршиносони соҳа иштирок намуданд.

Конференсияро вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳасанзода Гулнора Кенҷа оғоз карда, қайд намуд, ки Муассисаи давлатии “Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон” бо ташаббус ва дастгириҳои бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2008 таъсис ёфт.

Ҳадаф аз таъсиси МД “Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон” соҳибкасб намудани саросарии аҳолӣ, дастрас намудани низоми таълими касбӣ ба ҳама қишрҳои ҷомеа, тавассути ба касбомӯзӣ фаро гирифтани шаҳрвандон паст намудани шиддати бекорӣ, таъмини бозори меҳнат бо кадрҳои коргарӣ аз тариқи курсҳои кӯтоҳмуддати омӯзишӣ ва мутобиқ намудани таълими касбӣ ба талаботи замон буд.

Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ дар соли 2009 ин нуктаро мавриди баррасӣ қарор дода, зикр намуда буданд, ки сабаби дигари бекорӣ дар кишвар аз он иборат аст, ки гурӯҳҳои ҷудогонаи аҳолӣ касбу ҳунар ва ихтисоси муайян надоранд. Яъне қисми зиёди захираҳои меҳнатии кишвар аз онҳое иборатанд, ки ба фаъолият дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт, бахусус саноату сохтмон омода нестанд. Бо мақсади ислоҳи чунин вазъ шабакаи марказҳои таълимии касбомӯзии калонсолон ташкил гардида, барои ба талаботи бозори меҳнат ва сохтмонҳои муҳими кишвар мутобиқ намудани омодагии тахассусии онҳо корҳои назаррас ба сомон расонида шуданд.

Гуфта шуд, ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ дар соли 2012 ба вазоратҳои меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, маориф супориш доданд, ки ҳар сол ҷиҳати ба касбомӯзӣ, такмили ихтисос ва шаҳодатномакунонии малакаҳои касбӣ ҷалб намудани то сад ҳазор нафар шаҳрвандони бекор, бахусус, муҳоҷирони меҳнатӣ чораҷӯӣ намуда, бо ин мақсад дар тамоми шаҳру ноҳияҳои кишвар марказҳои таълими калонсолон, омӯзиши хизматрасонӣ ва соҳибкориро ташкил намоянд.

Раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ Файзуллозода Заррина, директори Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ Ашурализода Абдураҳмон, директори МД “Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон” Маҳмудова Хосиятмоҳ, раиси Ассосиатсияи миллии занони соҳибкори “Кадбону” Сабоҳат Раҳимзода суханронӣ намуда, нақши Марказро дар самти соҳибкасб намудани шаҳрвандон муҳим арзёбӣ намуданд.

Сипас, ҳисоботи муовини директори МД “Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон” Муродзода Умед оид ба натиҷаҳои фаъолияти Марказ дар 15 соли рафта шунида шуд.

Қайд гардид, ки дар 15 сол МД “Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон” қариб 500 ҳазор нафар шаҳрвандони кишварро соҳибкасб намуд, ки аз ин шумора 240 ҳазор ва ё 48%-ро занону бонувон ташкил медиҳанд.

Инчунин, аз шумораи умумии зикршуда 166 ҳазор шаҳрвандони бекор, муҳоҷирони баргашта ва занону бонувони хонашин дар доираи Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ройгон ба касбомӯзӣ фаро гирифта шуданд.

Дар давраи сипаришуда бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи филиалҳои Марказ аз 4 то 34 адад расида, фаъолияти шабакаи таълими калонсолон тавсеа ёфт.

Дар рафти Конференсияи илмӣ-амалӣ муовини директори Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ Искандарзода Матлуба доир ба саҳми МД “Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон” дар татбиқи Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ, профессор Субҳон Бурҳониён оид ба нақши низоми таҳсилоти калонсолон дар таъминоти кадрии соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ, собиқадори соҳа Шукрулло Саломов тартиби амалисозӣ ва эътирофи салоҳияти калонсолон ва валидатсия: афзалиятҳо, мушкилот ва роҳҳои ҳалли онҳо, сардори шуъбаи бозори меҳнати МД “Пажуҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ”, номзади илмҳои иқтисодӣ Фаридун Восиев доир ба рушди низоми омодасозии кадрҳо бо назардошти талаботи бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, коршиноси масоили таҳсилоти калонсолон, доктори илмҳои иқтисодӣ Ҷамшед Куддусов вобаста ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таҳсилоти калонсолон” ва нақши он дар танзими системаи таълими калонсолон, намояндаи ташкилоти DVV International Эрназарова Азиза доир ба ҳамкориҳои МД “Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон” ва DVV International дар беҳтарсозии базаи моддию техникии Марказ ва филиалҳои он, корманди Ҷамъияти ҳамкориҳои Олмон Виродик Фезаков оид ба саҳми МД “Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон” дар татбиқи лоиҳаи “Беҳтар намудани вазъи шуғл ва даромади муҳоҷирони меҳнатии тоҷик дар Тоҷикистон” ва корманди Барномаи рушди СММ Исфандиёр Караев вобаста ба ҳамкориҳои Марказ ва Барномаи рушди СММ дар татбиқи лоиҳаи “Кумак ба рафъи оқибатҳои иқтисодии COVID-19 барои беҳтар намудани шароити зиндагӣ, имкониятҳои шуғл ва ҳамкории минтақавӣ дар водии Фарғона” маъруза намуданд.

Дар фарҷоми Конференсияи илмӣ-амалӣ вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳасанзода Гулнора Кенҷа кормандони Марказро ба муносибати 15-солагии таъсисёбии МД “Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон” муборакбод намуда, ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бобати соҳибкасб намудани 1 миллион аҳолии кишвар дар 5 соли оянда ва рушди соҳа муваффақият таманно кард.

Дар доираи Конференсияи илмӣ-амалӣ бахшида ба 15-солагии таъсисёбии МД “Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон” ҳамзамон намоишгоҳи ҳунарҳо ва маҳсули дасти касбомӯзону устоҳои таълими истеҳсолии Марказ ва филиалҳои он доир гардида, аз ҷониби меҳмонон баҳои баланд гирифт.

**Бахши матбуоти МД “Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон”**









МД «Агентии бокортаъминкунӣ дар хориҷа»: 221-40-15

# ЗАБОН ДОНӢ – ҶАҲОН ДОНӢ

**Бо қарори Шӯрои сарони ҳукуматҳои ИДМ соли 2023 – «Соли забони русӣ» эълон карда шуд, ки дар он забони русӣ дар асоси қонунгузорӣ ҳамчун забони муоширати байни миллӣ баромад мекунад. Дар моддаи 2-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин омадааст: «Забони давлатии Тоҷикистон забони тоҷикӣ аст. Забони русӣ ҳамчун забони муоширати байни миллатҳо амал мекунад. Ҳамаи миллатҳо ва халқиятҳое, ки дар ҳудуди ҷумҳурӣ зиндагӣ мекунанд, ҳуқуқ доранд аз забони модариашон озодона истифода кунанд».**

Забони русӣ дар Тоҷикистон пас аз забони тоҷикӣ дар ҷои дуюм қарор дорад, гарчанд шумораи русҳо дар ҷумҳурӣ дар даҳсолаи охир хеле коҳиш ёфтааст. Имрӯз дар мамлакатамон 39 мактаб бо забони русӣ фаъолият дорад, ки дар онҳо тақрибан 27 ҳазор хонанда таҳсил мекунад, инчунин 160 мактаби омехтаи русӣ-тоҷикӣ бо фарогирии 70 ҳазор хонанда ба қайд гирифта шудааст. Дар муассисаҳои томактабӣ омӯзиши забони русӣ ҳамчун фанни алоҳида таълим дода мешавад.

Ҳукумати кишвар бобати омӯзиши забони русӣ пайваста чораҳо андешида, дар доираи ҳамкорӣ ва созишномаҳои Тоҷикистон ва Россия боз 5 мактаб бо таълими забони русӣ кушода шуд. Шумораи донишҷӯён аз рӯи ихтисоси "забон ва адабиёти русӣ" рӯ ба афзоиш оварда, дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ тақрибан 5000 донишҷӯ аз рӯи ихтисоси "забони русӣ"таҳсил мекунад.

Бояд қайд кард, ки аз солҳои 40-ум то 60-уми асри XX бисёр асарҳои нависандагони бузурги рус Н. Гогол, А. Пушкин, Ф. Достоевский, А. Чехов, С. Есенин ва дигарон ба забони тоҷикӣ баргардонида шудаанд. Дар айни замон, бештари асарҳои нобиғаҳои адабиёти тоҷику форс ба забони русӣ тарҷума шудаанд.

Донистани забони русӣ ба мо имкон медиҳад, ки адабиёт ва фарҳанги мардуми русро хубтар омӯзем, нозукиҳои анъанаҳои онро дарк кунем, ҷаҳонро сайр намоем, илм омӯзем, ба рушди санъат, саноат ва ғайра саҳми арзанда гузорем. Ҳар касе, ки иттилоъ дорад, ҷаҳонро медонад, забон низ як навъ маълумотест, ки уфуқҳои муоширатро васеъ мекунад.

Забони русӣ дар асри XX ба шумораи забонҳои ба истилоҳ ҷаҳонӣ дохил шуд, ки инро ҳам вақт ва ҳам ҳаёт тақозо менамояд. Бо ин мақсад дар мамлакати мо «Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015 – 2020» қабул гардид. Дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ҳамаи рисолаҳои илмӣ бо забони русӣ иҷро ва ҳимоя карда мешаванд, ки баъдтар аз ҷониби Комиссияи Олии Аттестатсионии Федератсияи Россия тасдиқ карда мешаванд.

Барномаи давлатӣ мувофиқи талаботи иқтисоди



миллии кишвар ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ оид ба таҳияи механизми тайёр кардани тарҷумонҳои соҳавӣ вазифа мегузорад. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ба нашри марҳилавии китобҳои дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо забони русӣ, китобҳои дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи махсус ва адабиёти бадеӣ бо забони русӣ, ки дар маҷмӯъ 22 000 нусхаро ташкил медиҳанд, шурӯъ мекунад. Ҳар семоҳа маҷаллаи илмӣ-методии "Забони русӣ ва адабиёт дар мактабҳои Тоҷикистон" нашр мешавад.

Бо мақсади таъмини рақобатпазирии соҳа дар бозори ҷаҳонии хизматрасониҳои сайёҳӣ мо бояд мутахассисонеро тайёр намоем, ки забонҳо, фарҳанг ва таърихро донанд. Зеро забон оинаест, ки чеҳраи миллатро ба таври равшан инъикос мекунад. Бинобар ин, мо бояд онро қадр кунем ва дар баробари ин ба омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ ҳамчун забонҳои муоширати байналмилалӣ аҳамияти аввалиндараҷа диҳем. Мо омӯзиш ва аз худкунии забонҳоро на ба хотири шуҳратпарастӣ, балки бо мақсади баланд бардоштани маърифати ҷомеа васеъ мекунем.

Аз ин рӯ, ҳар як шахси худшинос бояд кӯшиш кунад, ки забони модарии худро ғанӣ гардонад ва забонҳои хориҷиро омӯзад, ба хондани китобҳо аҳамияти аввалиндараҷа диҳад ва барои баланд бардоштани таҳсилоти худ кӯшиш намояд. Бо ин ҳадаф дар Литсейи касбии саноати кишоварзии шаҳри Конибодом низ корҳои назаррас ба иҷро расонида мешаванд.

Аз ҷумла, баҳри иҷрои «Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забони русӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ва такмил бахшидани неруи зеҳнии хонандагон, моҳҳои март-апрели соли 2023 дар байни хонандагон озмуни луғатдони беҳтарин ва ҳафтаи забони русӣ баргузор шуд, ки дар давоми ҳафта ҳамаи хонандагон ва омӯзгорон бо ин забон муошират намуданд.

Инчунин, дарси кушод аз фанни забони русӣ бо истифодаи тахтаи электронӣ ва бахшида ба Рӯзи ҷавонон шаби саволу ҷавоб бо забони русӣ байни ду даста бо номи «Молодёж» ва «Дружба» чарабён гирифт. Мо дар ин Соли забони русӣ баргузор намуданичунин тадбирҳои судманд-ро амалӣ хоҳем кард.



**Маҳфуза САНГИНОВА,**
**омӯзгори забони русии Литсейи касбии саноати кишоварзии шаҳри Конибодом**

# ЗЕБОӢ ЧИСТ ВА ЗЕБОПАРАСТ КИСТ?



Зебоӣ ва зебопарастӣ мафҳумҳои барои ҳар як шахси бомаърифат шинос ва азизу гиромӣ мебошанд. Зеро ки онҳо дар риояи беҳтарин фазилатҳои неки одамӣ - "рафтори нек", "гуфтори нек" ва "пиндори нек" ифода меёбанд. Яъне, шахсеро зебо ва зебопараст гуфтан мумкин аст, ки ӯ дорои ақлу хиради комил, меҳру муҳаббат ва садоқати бепоён нисбат ба атрофиёну муҳит, ватан ва муқаддасоти он дошта бошад. Ниёгони мо дар осори бою гаронбаҳои худ оид ба ин мавзуъ андешаҳои зиёде баён намудаанд. Масалан, Шайх Саъдии Шерозӣ фармудаанд:

**Тани одамӣ шариф аст ба ҷони одамият,**
**На ҳамин либоси зебост нишони одамият.**
**Агар одамӣ ба чашм асту даҳону гӯшу бинӣ,**
**Чӣ миёни нақши девору миёни одамият?**

Тавре аз мазмуни ғазал маълум аст, зебоӣ дар либоси зебо нест ва дар доштани чашм, гӯш, даҳону бинӣ зуҳур намеёбад, зеро ҳайвонҳо ҳам чашму гӯшу даҳону бинӣ доранд. Зебоӣ дар одобу ахлоқ аст. "Ҳусн ҳусн нест, балки адаб ҳусн аст", мегӯянд дар миёни мардум.

Шахси зебопараст бояд бо муҳит ва атроф бо нигоҳи ақлу хирад назар андозад. Дар тасаввури ҳар кадом бояд ояндаи дурахшон, шукуфоӣ, ободонӣ, истиқлолияти комил, сериву пурӣ, тинҷиву оромӣ, ҳамдигарфаҳмӣ вуҷуд дошта бошад. Яъне зоҳиру ботин ва сурату сирати мо бояд зебо бошад. Он вақт мо метавонем, бо нигоҳ, ҷаҳонбинӣ ва тафаккури зебо ва зебопарасти худ ба атроф ва атрофиён назар андозем.

Яъне, вақте ки шахс сухан мегӯяд, аз сухангӯӣ ва фикрониаш зебоии ботиниашро фаҳмидан мумкин аст. Шахсе, ки бо забони зебову ширину гуворо сухан мегӯяд, ин нишонаи зебопарастии ботиниву маънавии ӯст.

Бад-ин минвол, зебо ва зебопарастии шахсро, пеш аз ҳама, дар забон, тарзи баён ва рафтору гуфтору кирдораш муайян кардан мумкин аст. Муҳимтар аз ҳама, мо худамон бояд зебоӣ офарем, ба суруду мусиқӣ дил бандем, санъатдӯст, бомаърифат бошем, то насли ҷавонро дар ҳамин роҳ тарбияву роҳнамоӣ карда тавонем.

**Зебинисо ҒАЙБУЛЛОЗОДА,**
**омӯзгори фанни математикаи МДТ "Литсейи касбии хизмат ва туризми ш. Душанбе"**

**МД «Марказҳои машваратӣ ва омодагӣ»: 225-05-75, 225-02-21**

# ЧӢ МУҲИМТАР АСТ?

**Дар замони таркиши иттилоотӣ ва рушди технологияҳои рақамӣ, иттилоот на танҳо дониш ва пул, балки силоҳи пурқувватест, ки он дар дасти шахсони манфиатдор мебошад. Коршиносон дар он ақидаанд, ки имрӯзҳо натиҷаи ҷанги иттилоотӣ аз ҷанги "анъанавӣ" назаррас ва харобовар мебошад. Аксари аҳолии кишваре, ки ҳадафи ҳамлаи иттилоотӣ қарор гирифтааст, ҳатто дар ин бора хабар ҳам надорад.**



Ҳадаф аз ҳамлаҳои иттилоотӣ ин маъмулан тағйир додани низоми сиёсӣ дар кишвар ва ё то ҳадди имкон заиф кардани бехатарии миллӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ғайра мебошад. Ҷанги "анъанавӣ" хеле гарон аст ва усулҳои иттилоотии таъсиррасонӣ ба он алтернативаи оличаноб буда, хеле самаранок ва аз таҷовузкор қурбонии зиёдро талаб намекунад. Дар ҳама ҷо паҳн шудани Интернет ба тарғиботгарони муосир имкон медиҳад, ки қариб дар ҳар хона ворид шаванд ва тафаккури онҳоро мағзшӯӣ карда, ба ақидаи ғаразноки хеш ворид созанд.

Ҳоло дар фазои шабакаҳои иттилоотӣ ва иҷтимоӣ маълумот ва баҳсу мунозираҳои зиёде ба назар мерасанд, ки аксари онҳо аз ҷониби аҳолӣ, ки зиракии сиёсӣ ва дониши кофӣ барои таҳлил надоранд, бо вокунишҳои беасос сурат мегиранд.

Таҷрибаи ҷаҳони имрӯза равшан инъикос карда истодааст, ки душман ба воситаи иттилоот дар кишварҳои алоҳида муноқишаҳои мазҳабию динӣ миёни миллату қавмиятҳоро ташкил намуда, онро то табаддулотҳои давлатӣ бурда мерасонад.

Таҳлили баҳсу мунозираҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ нишон медиҳад, ки хушбахтона мардуми Ҷумҳурии Тоҷикистон сафеду сиёҳро ҷудо карда метавонад, вале ҷангиёни иттилоотӣ рӯз аз рӯз услубу тарзи мағзшӯӣ кардани аҳолиро такмил дода истодаанд. Таҳдиди иттилоотӣ барои мардуми мо хусусияти беруна дорад. Маҳз хоинони миллат бо дастгирии хоҷагони худ дар кишварҳои хориҷӣ истода, тариқи шабакаҳои иҷтимоӣ мунтазам вокунишҳои беасосу ғаразнок ба вуҷуд оварда, кӯшиши мағзшӯӣ кардани мардумро доранд.

Аз ин лиҳоз, барои ба вартаи ғаразноки ҷангиёни иттилоотӣ фирефта нашудани мардум, хусусан ҷавонон, ташкилу такмил додани чораҳои фаҳмонидан ва баланд бардоштани қобилияти таҳлилии равандҳои сиёсӣ мувофиқи мақсад аст. Зеро иттилоот беканор аст, вале истифодабарандаи он худи инсон аст. Дар ин самт такмил додани донишу малакаи таҳлилии истифодабарандагони иттилоот пеш аз ҳама муҳим мебошад.

**Анвар ЮСУПОВ,**
**шаҳри Душанбе**

# ВАТАНДӮСТ КИСТ?

Имрӯз ҷавонони мо ҳамчун неруи бузурги бунёдгару созандаи мамлакат эътироф шудаанд. Зеро Тоҷикистон аз назари демографӣ дар ҳоли рушди доимӣ қарор дорад ва аз нисф зиёди аҳолӣ, яъне қувваи асосии пешбарандаи онро ҷавонон ташкил медиҳанд. Табиист, ки бе иштироки фаъолонаи чунин неруи бузург рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва сиёсивуфарҳангии давлатамонро тасаввур кардан номумкин аст.

Таърихи тамаддун ва дастовардҳои арзандаи кишварҳои абарқудрату мутамаддин собит менамояд, ки омӯзондани насли ҷавон, фароҳам овардани имконоти ташаккулёбӣ ва муҳайё намудани омилҳое, ки ба рушди зеҳниву ҷисмонии онҳо замина мегузорад, асоси рушду пешрафти ҳар кишвар аст. Азбаски насли ҷавон ба сифати як неруи пуриқтидори бунёдкору пешбаранда эътироф шудааст, мақоми сиёсию иҷтимоии он низ на фақат неруи демократии давлат, балки хусусиятҳои таҳаввулот, стратегияи тараққиёт ва ояндаи кишварро низ муайян мекунад.

Дар гузашта миёни мардум ақидае вуҷуд дошт, ки ватандӯст будан ин ҷон супоридан барои Ватан аст. Албатта, ин андеша дуруст аст. Беҳуда ҳам нагуфтаанд, ки ватандӯстӣ аз амалҳои хурдтарини ҳар як шахс метавонад маншаъ гирад, аз ҷумла доштани оилаи хуб, беҳтарин мутахассиси ягон соҳа шудан, доштани касб ва умуман, амале, ки манфиатовар бошад ва ҳатто дар ҳолати манфиатбахш набудан басанда аст, ки зарарасон набошад. Ҳар лаҳза бо ғурур қоил мешавем, ки бо Ватани худ ифтихор дорем. Албатта, бо Ватан ифтихор кардан хуб аст, вале беҳтар он аст, ки Ватан аз мо, аз рафтору кирдор, дастоварду ташаббусҳо, созандагиву бунёдкориҳои мо ҳам ифтихор кунад. Мо бояд ҳеҷ вақт фаромӯш накунем, ки тоҷик ҳастем, як замин, як забон, як Ватан дорем, ки он Тоҷикистон аст.

Ин нуктаҳо ҳисси баланди масъулиятшиносӣ, худшиносиву худогоҳӣ, руҳияи озодихоҳӣ, ватанпарастӣ, ифтихори миллии ҷавонони саодатманди диёрро баланд бардошта, бори дигар водор месозад, то ба қадри неъматҳои бебаҳо, ба мисли Истиқлолияти давлатӣ, Ваҳдати миллӣ, Ватани ободу ором ва арзишҳои фарҳангии хеш бирасем.

Бори дигар итминон ҳосил намудам, ки имрӯз Тоҷикистони азиз дар симои ҷавонони далеру шуҷои худ фарзандонеро дорад, ки баҳри пешрафту саодати он ба ҳама кор тайёранд ва дар пасту баланди зиндагӣ аз худ ҷасорат нишон дода метавонанд.

Дар воқеъ давлату ҳукумат ҳама чизро барои рушду пешрафти ҷавонон муҳайё кардааст, ки ин ғамхориҳо ҷавононро руҳбаланд намуда, барои кӯшишу ғайрати онҳо ҷиҳати хизмат ба Ватан-Модар мусоидат мекунад.

**Муҳаммадҷон АБДУҒАНИЕВ,**
**муовини сардори раёсати муҳоҷирати меҳнатӣ, сардори шуъбаи муҳоҷирати ғайриқонунии Хадамоти муҳоҷират**

# ДӮСТДОРӢ БО ҚАЛБ АСТ, НА БО ЗАБОН!

Нақши худшиносӣ ва ифтихори миллиро дар таърихи тамаддуни башарӣ ҳамчун пойдевори бақои миллат муайян намуда, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин таъкид менамояд: «Миллате, ки тафаккури миллӣ, таъриху адабиёт, забон, расму оин ва арзишҳои фарҳангиашро аз даст медиҳад, истиқлолияти худро пуштибонӣ карда наметавонад. Миллате, ки хотираи таърихиашро пос намедорад, хоҳ-нохоҳ тафаккури ғуломона дошта, истиқлолияти миллиашро аз даст медиҳад. Ҳифз накардани таърихи миллат ба инкори гузашта бурда мерасонад».

Бояд зикр намуд, ки маҳалгароӣ, бегонапарастӣ, тамоюлҳои геопалитикии ҷаҳони имрӯза - экстремизм, терроризм ва дигар ҷараёнҳо омилҳои бевоситаи заифкунандаи пояҳои истиқлолияти давлатӣ мебошанд. Сардори давлат ҳалли масъалаҳои зеринро ҳамчун омилҳо ва заминаҳои пойдор намудани давлати соҳибистиқлол таъкид намудааст.

Мубориза бо терроризм ва экстремизм фароҳам овардани фазои боварӣ, эҳтиром ба манфиатҳои ҳамдигар ва муттаҳид шудани ҳамаи кишварҳои дунёро дар пешорӯи ин хатари умумӣ тақозо менамояд. Сарвари кишвар чандин маротиба аз минбарҳои Созмони Милали Муттаҳид ва дигар ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ таъкид намуданд, ки террорист ватан, миллат ва дину мазҳаб надорад.

Яке аз омилҳои гаравиши ҷавонон ба гурӯҳҳои мазкур ин муҳоҷирати меҳнатӣ дар хориҷи кишвар буда метавонад: наёфтани ҷои кори аниқ, сатҳи пасти маърифатнокӣ, носолимии муҳити оила, бепарвоӣ зоҳир кардани волидайн ба тақдири фарзандон, истифодаи васеи сомонаҳои интернетӣ аз ин ҷумла мебошанд.

Омилҳои муайяншуда дар самти шомилшавии ҷавонон ба гурӯҳҳои экстремистиву террористӣ нишон медиҳад, ки ин, пеш аз ҳама, зиёдаравӣ, ҳисси бегонапарастии онҳост. Баъзе ҷавонон аз бетарафии ҷомеа истифода бурда, бо таҳсил дар хориҷи кишвар узви ягон ҳизб шуда, ба ватан бармегарданд ва ба вайрон кардани мафкураи ҷавонон машғул мешаванд. Моро зарур аст, ки рафтори ин гуна ҷавононро дар хориҷи кишвар низ зери назорат гирем. Мо, аҳли ҷомеа, набояд ба он роҳ диҳем, ки мафкураи кӯдакон бо иттилооти нолозим пур карда шавад, балки омӯзгорон, волидон, сохторҳои маориф ва фарҳанг тадбирҳои мушаххас андешем, чорабиниҳои хотирмон барпо кунем, ки бачагон ба он ҷалб гардида, дар майнаашон ақидаву афкори солим ҷо гардад.

Алалхусус, дар деҳоти дурдаст ба касбомӯзӣ ва ба маҳфилҳои гуногун ҷалб намудани бачагон аз манфиат холӣ нест. Вазъи имрӯзаи бамиёномада тақозо мекунад, ки ҳар яки мо зиракии сиёсиро аз даст надода, баҳри ҳифзи сулҳу суботи ҷомеа, оромиву осудагии кишвар корҳои мушаххасро ба амал барорем. Дар чунин вазъият ҳар як фарди соҳибмаърифат ва хоссатан падару модарро масъулияти азим мебояд, зеро аҳамияти ҷиддӣ зоҳир намудан дар тарбияи насли наврас ва ҷавонон яке аз омилҳои мубориза бар зидди падидаи нангвари ҷомеаи имрӯза – терроризм ва ифротгароӣ маҳсуб мешавад. Ҳар кадоми мо бояд ба тақдири Ватанамон бепарво набошем ва бояд Ватанамонро бо қалбамон дӯст дорем.

**Фаридун АЛИМАРДОНОВ,**
**ноҳияи Қубодиён**

**Раёсати Хадамоти муҳоҷират дар вилояти Суғд: 834-22-6-51-99**

# ҚАРЗИ ШАҲРВАНДИИ ҲАР ЯК ФАРД

**Ба наздикӣ дар Хадамоти муҳоҷират бо иштироки корманди Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Носирӣ Алишер Қаҳҳор дар мавзуи пешгирӣ ва бартараф намудани сабабу омилҳои ҳолатҳои коррупсионӣ ва шарҳи "Стратегияи давлатии муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва методологияи тартиб ва методикаи фаъолияти он" дарси идоравӣ баргузор гардид.**




А.Қ. Носирӣ оид ба бартараф намудани омилҳое, ки ба содир шудани ҳуқуқвайронкуниҳои хусусияти коррупсионидошта мусоидат менамоянд, дар назди ҳозирин мухтасар сухандонӣ намуд.

Дар машғулият вобаста ба риоя ва иҷрои ҳамаҷонибаи Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Нақшаи чорабиниҳои амалисозии он барои марҳилаи якум (солҳои 2021-2025), ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 августи соли 2021, №222 тасдиқ гардидааст, муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия», моҳият ва хусусиятҳои ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ вобаста ба коррупсия, ки дар Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст, низ сухан рафт.

Зимни сухандонӣ Носирӣ Алишер масоили вусъат додани фаъолият дар самти пешгирӣ намудани омилҳои коррупсионӣ ва баланд бардоштани масъулияти кормандон, дарки оқибатҳои номатлуби кирдорҳои коррупсионӣ, самаранок ва тибқи таъинот истифода намудани амволи давлатӣ, баланд бардоштани мафкураи зиддикоррупсионро ба ҳозирин фаҳмонида, зикр намуд, ки дар мубориза ба ин зуҳуроти номатлуб бояд ҳама ҳиссагузор бошанд.

Таъкид шуд, ки хизматчиёни давлатӣ, аз ҷумла кормандони Хадамоти муҳоҷират ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизматӣ, бояд ҳолатҳои хавфи коррупсионидоштаро ба пуррагӣ дарк намуда, ба ҳолатҳои сар задани онҳо ҳеҷ гоҳ роҳ надиҳанд.

Дар ҷамъбаст аз ҷониби роҳбарияти Хадамот оид ба пешгирӣ ва роҳ надодан ба камбудӣ ва норасоиҳо вобаста ба амалҳои коррупсионӣ ба кормандон ва шахсони масъул дастуру супоришҳои мушаххас дода шуд.

**Маркази матбуоти Хадамоти муҳоҷират**

**Эълон!**

**Нашрияи "Шуғл ва муҳоҷират" ба маълумоти хонандагон мерасонад:**

Нафаре, ки аввалин шуда ҷавоби сканвордро дуруст пур карда, ба нашрия мерасонад, бо мукофотпулӣ қадрдонӣ карда мешавад.

Почтаи электронии мо - **Rrohnamo@mail.ru**; +992 93-483-36-36



Нашрияи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Шуғл ва МУҲОҶИРАТ**

**ТОҶИКИСТОН - САРЗАМИНИ ОБҲОИ ЗУЛОЛ**



**Давлати РАҲМОНИЁН**

## ҒАЗАЛ

Осмон гар ҷои борон санг борад бар сарам,
Бигзарам аз сар, вале аз ишқ ҳаргиз нагзарам,
Модарам ошиқ бизодам, марқадаш пурнур бод,
Чун Худо мехост инро, чист ҷурми модарам,
Сад қиёмат мекунад барпой дар дил дасти ишқ,
Ман ба зоҳир санги хомӯшам, ба ботин озарам.
Ҷои дил чун мушти хокистар барам пеши Худо,
Оташи дӯзах наёрад сӯхт дигар пайкарам.
Шуълаҳо орад ба ёд азбас, забони хомаам,
Обгардон мекунам бо сафҳагардон дафтарам.
Дил гувоҳи ҳақ бувад в-он ҳам гувоҳӣ медиҳад,
Рашки Юсуф, бухли Хусравро ба рӯзи маҳшарам.
Шоирам в-ин лофи ишқам ҳаст аз табъи баланд,
Беҳтараш хомӯш биншинам, ки аз ҳад нагзарам.

## КОР

Куҳантарин коргар дар Ню Ҷерсӣ кор мекард. Дар 100-солагӣ ӯ ҳамеша ба кор меомад, гарчанде ки аллакай ба нафақа баромада буд.

***

Бельгия дарозтарин рузи кориро дошт. Ба ӯ лозим омад, ки дар тӯли 78 соат пайваста картошкаҳои фаронсавӣ бирён кунад.

***

Кори ғайриодӣ аз амрикоӣ Тодд Гордон аст. Вай бо табассум кор мекунад.

***

Кормандоне, ки ҷои кори худро тоза нигоҳ медоранд, дар офис солимтар ва хушбахттаранд.

***

Мунтазам кор кардан дар ҷои кор метавонад неруи инсонро даҳ балл паст кунад, ки ин баробар ба аз даст додани хоби шабона аст.

***

Дар миёнаҳои солҳои 2000-ум, Нидерландия аввалин кишвари саноатӣ шуд, ки ҳафтаи кории худро то 30 соат кам кард.

## ОЁ МЕДОНЕД?

Аҷибтарин мусобиқаи ҷаҳон мусобиқаи қабрканӣ дар Маҷористон (Венгрия) аст, ки дар он ҳар касе зудтар бо чуқурии бештар қабр биканад, ҳудуди 10 ҳазор доллар мукофот мегирад.

***

Хавиер Маскерано дар тӯли фаъолияти худ, ки дар дастаи Барселона хунарнамоӣ мекунад (аз соли 2010 ин ҷониб) ҳамагӣ 319 бозӣ гузаронида, бо задани 1 гол даст ёфтааст, ки он ҳам аз зарбаи 11-метра мебошад.

***

Маргарита Луи-Дрейфус доротарин бонуи ҷаҳон мебошад. Ин бонуи фаронсавӣ 55 сол дошта, дороияш 5,3 миллиард доллари амрикоиро ташкил медиҳад. Номи аслии вай Маргарита Богданова буда, аҳли Россия аст.

***

Дар асрҳои миёна одамони зиёди давлатҳои Урупо фикр мекарданд, ки пахтаро аз барра (гӯсфанд) тарошида мегиранд.

***

Дар мактабҳои Чин устодон ба талабагон иҷозат медиҳанд, ки барои ором шудани мағзи сарашон 20 дақиқа хоб бираванд.

**ОБУНА – 2023**

“Шуғл ва муҳоҷират” - оинаи кор, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ

Суратҳисоби дохилӣ: С/Ҳ 20202972740003103000, К/Ҳ 20402972316264, КИБ 350101626, РМА 040003282. КВД «Рӯзномаи «Шуғл ва муҳоҷират».

Филиали №03 Амонатбонк дар ноҳияи Синои ш. Душанбе.

Арзиши солонаи як нусха – 150 сомонӣ аз тариқи суратҳисоби нашрия.

**Муассис:**
**Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Ҳайати мушовара:**

**Ҳасанзода Гулнора Кенҷа,**
вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Давлатзода Қиёмиддин,**
муовини вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Нодирӣ Шаҳноза Анвар,**
муовини вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Ализода Алишер Ҳиматуло,**
муовини вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Маҳмадзода Сафаралӣ Маҳмад,**
сардори Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ

**Нодирзода Иматшо,**
сардори Хадамоти муҳоҷират

**Ашурализода Абдураҳмон Ашуралӣ,**
директори Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ

Директори КВД «Рӯзномаи «Шуғл ва муҳоҷират»
**Фаррух Файзуллоев**

Сармуҳаррир
**С. Ёрмаҳмадзода**

Тарроҳ
**Абдурозиқ Абунасрзода**

Андеша ва ақидаҳои нашршудаи шахсии муаллифон дар мақолоту гузоришҳо ақидаи расмии Ҳайати мушовараи вазорат маҳсуб намешавад. Дурустии асноду далели мақолаҳо ба ухдаи муаллифон аст. Идора бо муаллифон мукотиба намекунад, дастхатҳоро бар намегардонад.

**Дар нашриёти ҶДММ «Фасл-4» чоп мешавад**

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 240\РЗ – 97 аз 16 марти соли 2021 номнавис шудааст.

**Нишонӣ:**
шаҳри Душанбе, кӯчаи Алишер Навоӣ, 5/2, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**тел: 93-738-22-66**
**98-745-00-00**
**98-851-81-23**

**Обуна ба рӯзнома тамоми сол идома дорад ва дар ҳамаи нуқтаҳои алоқа қабул карда мешавад.**
**Индекс 68959**

**Почтаи электронии мо- Rrohnamo@mail.ru**